Бани одам аъзои якдигаранд!

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

17 августи соли 2002. Шанбе № 63 (12805)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 16.30 имзо гардид.

## Муҳокимаи лоиҳаи Буҷаи давлатии соли 2003

14 август дар қароргоҳи Оқсарой машварат дар назди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов оид ба масъалаи лоиҳаи Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои соли 2003 ба амал омад. Дар кори машварат Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ў. Султонов, сарварони маҷмўаҳои Девони Вазирон, идораҳои иқтисодии ҷумҳурият иштирок намуданд.

Лоиҳаи буҷаи ба муҳокима пешкашгардида бо назардошти дурнамои нишондиҳандаҳои асосии меҳиқтисодиёт, афзоиши маҳсулоти умумии дохила нисбати соли кунун, паст кардани дараҷаи бекурбшавии пул таҳия гардидааст.

Ҳангоми таҳияи буҷа ба масъалаҳои кам кардани сарбории андозӣ ба субектҳои хоҷагидорӣ ба мақсади вусъат додани озодии иқтисодӣ, сарпур кардани маблағҳои гирдгардонашон, баланд бардоштани фаъолиятнокии корчаллонии онҳо диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Ба ҳамин мақсад ба 4 фоиз кам кардани банди ҳаҷми андоз ба даромад (фоидаи) шахсони ҳуқуқӣ ва ба 2,8 фоиз расондани банди ҳаҷми пардохти ҳатмӣ ба суғуртаи иҷтимоии бунёди музди меҳнат дар назар дошта шудааст.

Баробари ин кам кардани сарбории андозӣ ба даромади шахсони ҷисмонӣ ба ҳисоби миёна ба 10 фоиз аз ҳисоби паст кардани ҳаҷми андоз ба гурўҳҳои дуюм ва сеюми андозсупорандагон, ҳамчунин вусъат додани сарҳади ҳадди даромади умумӣ ба гурўҳҳое дар назар дошта шудаанд, ки аз рўи ҳаҷмҳои хурд андоз ситонда мешаванд.

Ба амалӣ гардондани тадбирҳо оид ба вусъат додани заминаи андозситонӣ ва таъмини ба пуррагӣ ҷамъ овардани андозҳо диққату эътибори доимӣ нигаронда шудааст. Ба мақомоти молия, андоз ва гумрук супурда шудааст, ки самтҳои мушаххас ва механизми таъмини ба пуррагӣ ситондани андозҳо ва пардохтҳо, роҳ нагузоштан аз саркашӣ кардани додани андозро муайян кунанд.

Ба минбаъда баланд бардоштани нақши андозҳои захираҳо ва молу мулк ҳангоми муайян кардани даромади умумии буҷа бо назардошти рағбатноксозии босамару оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, моддиву техникӣ аҳамияти муҳим дода мешавад.

Дар бахши истифодабарии маблағҳои буҷавӣ диққату эътибор ба пурзўр кардани самти иҷтимоии он нигаронда мешавад. Афзун гардондани ҳиссаи хароҷотҳое, ки ба соҳаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронда шудаанд, аз 47,2 фоизи хароҷоти умумии буҷаи соли 2002 то ба 52 фоиз расондани он дар соли 2003 пешбинӣ гардидааст. Аз ин рў вазифаҳои бо маблағ таъмин кардани сохтмони коллеҷҳои касбу ҳунар, литсейҳои академӣ, вусъати инфрасохтори хоҷагии коммуналӣ, таъмини деҳот бо оби ошомиданӣ ва гази табиӣ мувофиқи барномаҳои қабулгардида пеш гузошта шуданд.

Саҳеҳгардонии хароҷотҳои буҷа ба роҳи кам кардани ғайрисамарабахшу ғайримақсад истифода бурдани маблағҳо, минбаъда кам кардани хароҷотҳо барои нигаҳдории мақомоти идораи давлатӣ дар назар дошта шудааст.

Баробари ин афзун гардондани нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ барои соли 2003 аз ҳисоби кам кардани ҳаҷмҳои он аз маблағҳои буҷавӣ ва баланд бардоштани нақши манбаъҳои худии молиявии корхонаҳо, бевосита ҷалб кардани сармояҳо дар назар дошта шудааст.

Аз рўи натиҷаҳои муҳокимаронӣ супоришҳои мушаххас оид ба пурра гардондани таҳияи лоиҳаи буҷа бо назардошти аниқ ба вуҷуд овардани самтҳои асосии амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурият барои соли 2003 дода шуданд.

Ва он пеш аз ҳама таъмини рушди устувору мунтазами иқтисодиёт, амалӣ гардондани сиёсати қатъии пулу вом, кам кардани муомилоти ғайрибонкии маблағҳои пулӣ, минбаъда таҳким бахшидани низоми пулӣ ва баланд бардоштани қурби пули миллӣ, таъмини озодтабодулии он аз рўи ҷараёнҳои ҷорӣ мебошад.

Ба вуҷуд овардан ва сафарбар кардани омилҳои иловагӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани нақши онҳо дар бобати ба вуҷуд овардани маҳсулоти умумии дохила ва моломол кардани бозори истеъмолии дохила бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ, диққату эътибори асосӣ нигарондан ба рақобаттобоварии маҳсулоти онҳо ва беҳдошти сифат вазифаи умда қарор дода шуд.

Минбаъда амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар деҳот, дар хоҷагии коммуналӣ, рушди низоми обёрикунӣ ва ғайра ба забон гирифта шуданд.

Аз рўи натиҷаҳои машварат ба Девони Вазирон якҷоя бо идораҳои иқтисодӣ супурда шуд, ки лоиҳаи Буҷаи давлатиро барои соли 2003 ба таври илова аз нав дида баромада, то 15 сентябри соли кунун онро ба муҳокимаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон пешкаш кунанд.

**(ЎзА).**

## Тайёрӣ ба иди аз ҳама бузург

Дар Девони Вазирон маҷлиси Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба тайёрӣ ва гузарондани ҷашни 11-солагии истиқлол ба амал омад.

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир, раиси комиссияи мазкур Ҳ.Кароматов гузашт, ҷараёни тайёрӣ ба тантанаҳои идона ва корҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар маҳалҳо бояд ба иҷро расонд.

Шоири мардумии Ўзбекистон А.Орипов дар бораи сенарияи тантанаҳои идона маълумот дод, ки дар майдони асосии мамлакатамон—Мустақиллик ба амал меояд.

Ба муносибати Соли эъзози куҳансолон эълон гардидан дар барномаи идона ба ҳамду санои чунин арзишҳо, аз қабили шаъну шарафи инсон, эҳтиром ва ҳурмати куҳансолон, саховатқалбӣ ва шафқат, ки ба халқи ўзбек хос аст, ризоияти байнимиллӣ диққату эътибори махсус дода мешавад.

Тавассути маснўи сунъии Замин тантанаҳои идона ба беш аз 50 мамлакат бевосита намоиш дода мешавад.

Дар маҷлис зарурати иҷрои сариваҳтии тадбирҳои андешидашуда оиди ба дараҷаи баланд гузарондани иди истиқлол дар вилоятҳо ба забон гирифта шуд. Ба ҳокимиятҳо ва ташкилотҳои дахлдор супоришҳо дода шуданд.

Дар маҷлис ҷонишини Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон А.Мелибоев иштирок намуд.

**(ЎзА).**

## Замин ба Отахонака азиз аст

Иқдоми истиқлол

«Ба ноҳияи Марҳамат, ба хоҷагии ширкатии ба номи Умурзоқ Қорабоев равед. Дар он ҷо пахтазори ҳақиқиро муоина мекунед»—маслиҳат доданд дар ҳокимияти вилояти Андиҷон муддаои моро шунида.

Ва мо дар ўтоқи кории раиси хоҷагием. Ба пешвозамон марди газгўшти офтобхўрдаи дар сар тоқӣ бо табассум баромад ва гуфт: «Хуш омадед, меҳмонони азиз».

Сўҳбатамон қўр гирифт. Ба раисӣ интихоб шудани Отахон Алиматов соли зиёде нагузаштааст. Яъне мардум ўро моҳи маи соли гузашта ба ин вазифа интихоб кард. То ин вақт солиёни дароз сарварии бригадаи ғаллакориро бар ўҳда дошт. Ва бригадир дар деҳот чуноне маълум аст, вазифаи масъулиятнок мебошад: на оброн, на тракторчӣ, на сардори звено, балки бригадир ба ҳама чиз ҷавобгар аст. Ва соли 1999 барои ҳиссаи калонаш дар бобати амалӣ гардондани мустақилияти ғаллаи мамлакат Алиматов бо унвони «Қаҳрамони Ўзбекистон» тақдир гардид.

Акнун вазифаи нав дар наздаш уфуқҳои навро кушодааст ва баробари ин бист бригадаи калон ба ў итоат мекунад. Шабу рўз кор менамояд. Ба майда-чуйдаи кор мароқ зоҳир намуд, одамонро омўхт, ба сохтори замин, саройи мошину трактор ва муҳосибӣ диққату эътибори калонро нигаронд.

Аз рўзҳои аввал раисро халқ ҷонибдорӣ намуд. Солро бо натиҷаи баланд ҷамъбаст намуданд. Аз ҳар яки 724 гектар ба ҷои 30 сентнери нақша 38 сентнерӣ ҳосил бардоштанд.

Соли ҷорӣ нақшаи пешбинигардидаро дар рўзҳои аввали моҳи сентябр иҷро карданианд. Барои ин таҳкурсии мустаҳкам ба вуҷуд оварда шудааст. Бисёр ниҳолҳо аз кўрак фаровон буда, аксари онҳо шукуфтаанд.



—Ҳосили фаровон рўёнда шудааст ва аз ҳар гектар мо 60 сентнерӣ ҳосил бардоштанием,—мегўяд Алиматов ва далелҳои бисёреро ба забон мегирад.—Мо, соли гузашта пахтаро дар як қатори зери пардаи сунъӣ кошта будем. Имсол бошад, дар ду қатор. Агар пештар дар як гектар сад ҳазор ниҳол бошад, соли ҷорӣ он ба ҳисоби миёна 50 ҳазор ададӣ зиёд аст.

Ана, сирру асрор ва ҳисобу китоби деҳқонӣ дар чӣ будааст.

Аз рафтори раис ибрат гирифта, ҳар як сокини хоҷагӣ ба ҳар як ваҷаб замин, ба ҳар як чакра об эҳтиёткорона муносибат мекунад. Маҳз дар ҳамин ҷо дар мамлакат аввалин шуда технологияи пешқадами рўёндани пахтаро дар зери пардаи сунъӣ татбиқ намудаанд. Дигар роҳ нест: охир аз рўи маълумоти оморӣ вилояти Андиҷон маҳалли аз ҳама аҳолиаш зичи ИДМ ба ҳисоб меравад. Ба одамони маҳалли мазкур лозим меояд танҳо ба қувваву дониши худ, танҳо ба оқилона истифода бурдани ҳар як ваҷаб замини корам такя намоянд.

Ва ба ин ғамхории пайваста Замин-Модар боздеҳи зарурӣ мегардонад. Ҳар як дарахти боғзорон аз серҳосилӣ хам гардидааст, дар саҳро ҳосили фаровони сабзавот ва маҳсулоти полизӣ рўёнда шудаасту он манбаи даромади иловагӣ ба баҳодурони саҳро ба ҳисоб меравад. Нақшаи тайёркунии ғалла барзиёд иҷро гардид.- Аз ҳар гектар ғаллазор ба ҳисоби миёна 82 сентнерӣ ҳосил бардоштанд, ки аз натиҷаи соли гузашта 16 сентнерӣ зиёд аст. Ва он нишондиҳандаи аз ҳама баланд дар ноҳия ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми муоинаи маҳал ба як навигарӣ шоҳид гардидем. Назди ҳар як хонадон, идораву муассиса, бошишгоҳи саҳрой ва қад-қади роҳҳо бо гулу гулзор фаро гирифта шудаанд. Ва онҳо аз аввали баҳор то охири тирамоҳ чашми касро мебаранд, хушу хурсандӣ мебахшанд, кайфияти касро хеле баланд мебардоранд. Чунин зебоӣ ва назаррабоиро дар дигар маҳал муоина накардаем. Ва худи табиати мафтункор таъсири хешро мегузорад, одамонро ба накўкорӣ, зебопарастӣ даъват мекунад. Ҳурмату эҳтироми якдигар дар мадди аввал аст. Аз ин рў дар ин ҷо ба фарзандони хеш низ «Шумо»-гўён муроҷиат мекунанд. Ва ҳамаи манзараҳои дилфиребро муоина карда, беихтиёр ин сатрҳоро аз дил мегузаронед: Беҳуда водии Фарғонаро «Тиллоӣ, гулгун» намегуфтаанд.

Дар бораи муқаддас будани сарзамини худ, дар ин бобат, ки дар бадали даҳ соли охир чӣ гуна тағйиротҳо рух доданд, хеле сабук гардидани меҳнати деҳқонон, хўҷаини ҳақиқиии замин гардидани онҳо ҳангоми мусоҳиба бо раис фаҳмида гирифтем.

Ба гуфти раис ҳама чиз худ аз худ аз осмон намеафтад. Ҳамаи ин неъмати азиз ба ивази меҳнати зарбдоронаи ҳар кадом, аз он ҷумла Отахон Алиматов ба даст меояд. Ва раис аз он хушнуд аст, ки маҳз дар ҳамин сарзамин ҳаёт ба сар мебарад.

**Рустам ШАГАЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

**Дар сурат:** Қаҳрамони Ўзбекистон **Отахон Алиматов.**

## Нишони олӣ ба «Корвон-бозор»

Аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хушхабар расид. Ширкати савдои яклухтфурўшии «Корвон-бозор»-и Тошканд ба Нишони олии байналхалқии сифат мушарраф гардид. Дар ин бора Конвенсияи ХҮ1 байналхалқӣ қарори худро қабул кард. Ва мукофот ба таври мутантан ба раиси ширкат Равшан Раҳимов супурда шуд. Ташкилотчии ин конвенсияи Ширкати «Бизнес Инитативу Деректонс» мебошад.

Ба мукофоти мазкур даъвогарон аз бисёр мамлакатҳо, аз он ҷумла Фаронса, Белгия, Россия, Юнон, Ҳиндустон, Индонезия, Малайзия, Испания, Португалия ва дигар мамлакатҳо буданд.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Нишони олии мазкури байналхалқӣ барои паҳну татбиқ кардани технологияҳои навтарин дода мешавад. Ташкилот, муассисае, ки соҳиби ин мукофот гардидааст, пеш аз ҳама нуфузи худро дар соҳаи маркетинг ва реклама баланд бардошта, дараҷаи даромаднокиашро зиёд мекунад, мақоми худро дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам менамояд

Соҳиби ин мукофоти баланд-яъне Нишони олии сифати байналхалқӣ гардидани ширкати «Корвон-бозор»-и Тошканд аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки кўшиши сокинони ҷумҳурият дар бобати аз бозори ҷаҳонӣ мавқеи муносиби худро ёфтан самараи дилхоҳи худро мебахшаду Ўзбекистони соҳибистиқлол аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои мустаҳкам пайдо мекунад.

**(Паёмнигори мо).**

## Мусобиқоти ҷоруми ҷаҳон

Кураши ўзбек маҳбубият пайдо карда, саросари ҷаҳонро ишғол менамояд. Мувофиқи қарори Ассотсиатсияи байналхалқии кураш мусобиқоти навбатии ҷаҳон аз рўи ин намуди варзиш дар шаҳри Еревани Арманистон 31 август ва 1 сентябри соли кунун ба амал меояд.

Аз маркази матбуоти Ассотсиатсияи байналхалқии кураш ба мухбирамон хабар доданд, ки ба мусобиқоти навбатӣ тайёрии пухта дида мешавад. Баробари ин намояндагони 53 давлати ҷаҳон аз панҷ қитъа хоҳиш изҳор намудаанд, ки дар мусобиқоти мазкур ширкат меварзанд. Аз он ҷумла, вакилони мамлакатҳо, аз қабили Маврикия, Малӣ, Малта, Ҷумҳурияти Доминикан бори аввал дар ин мусобиқот иштирок мекунанд. Аз ин мебарояд, ки кураши ўзбек маҳбубияти калон пайдо карда, дили миллионҳо одамонро ром кардааст. Охир, аз як тараф аз Зеландияи Нав, аз тарафи дигар аз Канадаву Парагвай, боз аз тарафи дигар аз Нигерия беҳуда розӣ нашудаанд, ки дар ин мусобиқоти бонуфузи ҷаҳон иштирок намоянд.

Барномаи мусобиқоти ҷоруми ҷаҳон аз рўи кураш доманадор гардидааст. Дар он баробари мардон дар вазнҳои 73, 81, 90 килограмм ва вазни мутлақ занону духтарон низ қувва озмуда, қаҳрамонони ҷаҳонро дар вазнҳои 57, 63 килограмм муайян мекунанд. Пештар танҳо занон аз рўи вазни мутлақ дар ин бобат қувва озмуда буданд. Дар Ереван бошад, намуди мусобиқа аз рўи ду тоифаи вазн зиёд гардидааст. Ва он кураши ўзбекро дар байни занону духтарон ҳам маҳбубияти калон пайдо карданашро нишон медиҳад.

Алқисса, дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолияти Ўзбекистон боз як мусобиқоти ҷаҳон барпо гардида, шўҳрати мамлакатамонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баланд хоҳад бардошт.

## Супурдани эътиборнома

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Афғонистон А, Аҳмадҷонов эътиборномаи худро ба сарвари ҳукумати гузариш Ҳ. Карзай супурд.

Дар рафти сўҳбат, ки баъди супурдани эътиборнома ба амал омад, пешомадҳои рушди муносибатҳои дуҷониба байни Ўзбекистон ва Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Сарвари Афғонистон Ҳ. Карзай ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. Каримов барои ҷонибдории саъю кўшише, ки ба барқарор кардани Афғонистон нигаронда шудааст ва кўмаки инсонпарварона, ки ба халқи афғон расонда мешавад, миннатдории худро баён сохт.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## Тадбирҳои зарурӣ меандешанд

Имрўзҳо аз мамлакатҳои ҳамсоя хабарҳо дар хусуси паҳн гардидани ҳар гуна маризиҳои сирояткунанда мерасанд. Онҳо водор месозанд, ки дар маҳалҳои наздисарҳадӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ноҳияҳои Ургут ва Булунғури вилояти Самарқанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳад мебошад. Ба ин ноҳияҳо тавассути Тоҷикистон оби дарёи Зарафшон меояд. Алҳол кормандони раёсатҳои гумруку ветеринарии вилоят, Маркази назорати санитариву эпидемиологӣ тадбирҳои заруриро оид ба пешгирии паҳншавии маризиҳои сирояткунанда андешида, оби дарёро таҳти назорати қатъии худ қарор додаанд.

Ургут бо ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон ҳамсарҳад аст. Дар роҳи асосие, ки ду давлатро мепайвандад, ситоди гумруки «Чортеппа» ташкил ёфтааст. Дар ин ҷо кулли тадбирҳо оид ба пешгирии маризиҳои гузаранда андешида шудаанд. Кормандони раёсатҳои ветеринарӣ, гумрук ва маркази санитариву эпидемиологӣ дар ҳамкорӣ фаъолият пеш мебаранд.

—Дарёи Зарафшон аз Панҷакент ҳам убур мекунад. Аз ин рў паҳн гардидани маризиҳои сирояткунанда дар ин маҳал ба мо низ хавфи калонро ба вуҷуд меоварад, мегўяд сарвари маркази давлатии назорати санитариву эпидемиологии вилоят Н. Хўҷаев.—Оби дарёро мунтазам аз назорат мегузаронем. 30 ҳазор аҳолиро бо ваксина таъмин кардем, ки дар қад-қади дарё ҳаёт ба сар мебаранд.

**Уйғун РЎЗИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

## Пахта меғундоранд

Пудратчиёни бригадаи рақами 14-уми хоҷагии ширкати «Заркент»-и ноҳияи Тошлоқ дар водии Фарғона аввалин шуда ба ҷамъоварии ҳосили пахтаи соли кунун шурўъ намуданд. Онҳо аз 63 гектари мавҷуда ба 32 гектараш дар зери пардаи сунъӣ пунбадона кошта буданд. Ҳосили фаровон рўёнда шуда, он тез пухта расид. Азбаски нави пешомадноки «Тошканд-6» кошта шудааст, нахи баланд ба даст хоҳад омад.

Ба тезтар шукуфтани пахтаву бармаҳал шурўъ кардан ба мавсими ғун доштани ҳосил қатъан риоя кардан ба қоидаҳои агротехникии рўёндани он мусоидат намуд.

**(ЎзА).**

Пеш аз иҷлосияи 1Х Олий Маҷлис

## Комёбиҳо таҳти ҳимояи қонун

Ба муҳокимаи вакилони халқ дар иҷлосияи навбатии Олий Маҷлис лоиҳаи Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи комёбиҳои селексионӣ» (таҳрири нав), (Дар бораи ихтироъҳо, моделҳои фоидаовар ва намунаҳои саноатӣ» (таҳрири нав) пешкаш карда мешаванд. Агар ин лоиҳаҳои қонунҳо аз ҷиҳати номгузорӣ гуногун бошанд ҳам. аз ҷиҳати мазмун ба ҳамдигар қаробатӣ доранду бо назардошти айёми тезгузар ва талабу айёму меъёрҳои байналхалқӣ аз нав дида баромада мешаванд.

Маълум аст, ки соҳаи аграриро бидуни ба вуҷуд овардани навъҳои нав ба нави серҳосилу тезпази рустаниҳо тасаввур кардан душвор аст. Ва он мухтасар мафҳуми «комёбиҳои селексиони»-ро ба миён меоварад. Ва комёбиҳо мебояд аз нигоҳи қонунӣ ҳифз карда шаванд. Аз соли 1996 боз дар дар Ўзбекистон чунин қонун арзи ҳастӣ мекунад.

Вале баробари қабул гардидани Кодекси шаҳрвандӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ баъзе нуктаҳои қонуни пештарқабулгардида маънан кўҳна шуданд. Ба ҷуз ин Ўзбекистон ният кардааст, ки ба Иттиҳоди байналхалқии ҳифзи комёбиҳои селексионӣ дохил гардад, ки алҳол 50 мамлакат узви он мебошад. Дар доираи он тамоми мамлакатҳо комёбиҳои селексионии худро боэътимод ҳифз мекунад ва имтиёзи муайянеро ба даст меоварад. Аз ин рў қонуни маҳаллӣ бояд ба нуктаҳои Конвсенсияи байналхалқӣ мувофиқат кунонда шаванд. Аз ин рў дар лоиҳаи қонуни нав мафҳуми «гувоҳнома» тамоман аз байн бардошта, ҷои онро чун меъёри байналхалқӣ-патент ишғол мекунад.

Дар лоиҳаи қонун қавоиди додани ариза барои номнавискунии комёбиҳои селексионӣ хеле содда гардонда, баъзе монеаҳои бюрократӣ аз байн тамоман бардошта шуданд. Баробари ин ба селексионерони хориҷа низ имконият фароҳам оварда шудааст, ки дастовардҳои худро дар мамлакати мо номнавис кунанд. Олимони мо низ чунин ҳуқуқро ба даст меоваранд. Яъне онҳо низ дастовардҳои худро дар хориҷ номнавис карда метавонанд.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи ихтироъҳо, моделҳои фоидаовар ва намунаҳои саноатӣ» низ дар пойгоҳи Созишнома байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо, мамлакатҳои узви он, ки барои солҳои 1999-2005 таъин гардидааст, таҳия гардидааст. Қонуни пештара 6 маи соли 1994 қабул гардида, он дар бобати ба низоми ҷаҳон дохил гардидани Ўзбекистон оиди ҳифзи ҳуқуқии обектҳои мулки саноатии Ўзбекистон ёрмандии калоне расонд. Дар бораи додани патент, номнавискунии ихтироъҳо, моделҳои фоидаовар ва намунаҳои саноатӣ корҳои муайяне ба иҷро расонда шудаанд.

Вале ҳаёт пеш меравад. Баъзе қавоид тағйир меёбад. Ва инро дар арсаи ҷаҳонӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Бо назардошти ана ҳамин тағироту дигаргуниҳо лозим омад, ки қонун дар ин бобат аз нав таҳия гардад. Дар айни замон дар мамлакати мо Кодекси нави шаҳрвандӣ қабул гардид ва нуктаҳои он тақозо дорад, ки қонун «Дар бораи ихтироъҳо, моделҳои фоидаовар ва намунаҳои саноатӣ» низ ба он мос гардонда шаванд. Аз он ҷумла лоиҳаи қонун бо меъёри сабукгардонии ҷараёни додани патент пурра гардонда шуд. Мувофиқи он дароз кардани мўҳлати додани патент ба баъзе намунаҳо низ пешбинӣ гардидааст, ки онро асосан дар саноати дорусозӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷавобгарӣ дар бобати халалдор гардидани қонун пурзўр гардидааст.

Алқисса, лоиҳаи қонунҳои мазкур дар бобати ҷавобгўи айём шудани заминаи қонунгузории мамлакатамон нақшаи калоне хоҳад бозид.

**Б. НОРАЛИЕВ,**
**номзади илми фалсафа.**

## Хусусигардонӣ—гарави пешрафт

Дар мамлакатамон ислоҳоти иқтисодӣ собитқадамона ба рўи об бароварда мешаваду дар он нақши хусусигардонӣ ҳам калон мебошад. Зеро рушди амволдории хусусӣ кафолатгари пешрафти иқтисодӣ мебошад. Аз ин рў, аз рўзҳои аввали истиқлол барои аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии амвол диққату эътибори калон дода мешавад.

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 26 марти соли 2002 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди ба рўи об баровардани барномаи аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии амвол, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ» боз як иқдоми муҳим дар самти мазкур гардид.

Чуноне ки ба мухбири ЎзА дар Қумитаи давлатӣ оид ба амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарии Ўзбекистон хабар доданд, дар бадали шаш моҳи соли кунун ба сармоягузорони хориҷа 20 обект фурўхта шуд. Маблағгузорони хориҷа ба зимма ўҳдадорӣ гирифтаанд, ки обектҳои ба ихтиёрашон гирифтаро бо таҷҳизоти нав меҷиҳозонанд, ашёи хоми заруриро расонда дода, баробари ин қарзҳои пештараи ин корхонаҳоро мепардозанд. Ва он ба тезтар ба роҳ мондани истеҳсолоти корхонаҳо ва суръатфизоии баровардани маҳсулоти зарурӣ мусоидат мекунад.

Гуфтугузори пешакӣ дар бораи харида гирифтани 39 фоизи силсилаи саҳмҳои «Ўзбеккабел» аз тарафи ширкатҳои «Рансат» ва «Эвроэйшен»-и Британиёи Кабир ба амал омад. Ба ҷуз ин сармоягузорони хориҷа баён карданд, ки нияти харида гирифтани корхонаҳои низоми «Ўзкимёсаноат», «Аммофос», заводи суперфосфати Қўқанд ва «Ўзрезинотехника»-ро доранд.

Бо харидорони хориҷа ҳамчунин гуфтушунидҳо дар бобати хусусигардонии боз аз беш 40 корхона давом дорад.

## Омодаанд

Саноати пахтатозакунии вилояти Самарқанд имсол 250 ҳазор тонна пахтаро аз нав кор карданист. Аз ин рў корҳои тайёрӣ ба мавсими қабули ҳосили нав дар корхонаҳои «Зиёвуддин», «Зарбулоқ», «Метан» ва «Каттақўрғон» хеле авҷ гирифтааст. Васли ду хатти нав дар Ҷамъияти саҳҳомии «Зиёвуддин толаси»-и ноҳияи Пахтачӣ ба анҷом мерасад. Баробари ба кор сар кардани онҳо сифати нахи пахта беҳтар гардида, вазни қиёсии азнавкоркарди маҳсулот ба 20 фоиз зиёд мегардад.

**(ЎзА).**

## Консервҳои Тайлоқ

Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тайлоқконсерва» соли ҷорӣ 3 ҳазор тонна маҳсулоти консервӣ тайёр кардааст. Дар ин ҷо консервҳои сабзавот, помидор ва шарбатҳои тайёршаванда бо маҳсулоти хориҷасохт рақобат карда метавонанд.

Дар бобати таъмин будан бо ашёи хом ягон муаммо нест. Бо 11 хоҷагии ширкатӣ шартнома ба имзо расидааст ва алҳол сабзавоту меваи пухтарасидаи тару тоза ба корхона оварда мешавад.

Аҳли ҷамъият талаби бозори дохиларо қонеъ гардонда, як қисми маҳсулотро ба содирот мебарорад. Аз рўи шартнома соли ҷорӣ ба Россия 600 тонна , ба дигар мамлакатҳо бошад, 367 тонна хамираи помидор фиристода мешавад.

# Самарқанд сайқали рӯи замин аст

Ёздаҳ 1991 2002 соли муъҷизавӣ

*Назар кардам чу бар сӯи Самарқанд,*
*Биҳиште рӯ ба рӯям ҷилвагар шуд.*
*Регистон, Шоҳизинда пешам омад,*
*Ба чашмам Оби Раҳмат оби зар шуд.*

Дар кӯчаҳои сайқали рӯи замин—Самарқанди бостон гашту гузор дорам. Қадам то қадам бунёдкорӣ, дигаргуниҳои бузург ба чашм мерасанд. Аз нашъунумӯи дарахти истиқлол, рӯзгори осуда дар дилу шуури мардуми меҳнатӣ кайфияти хоссаест. Онон аз неъмати саодат баҳрамананд, ҳуррият бо онҳо, озодии воқеӣ бо онҳост.

Воқеан таи чанд соли охир рӯзгори сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавиёти мардуми вилоят хеле дигаргун гашт. Аксарият илми иқтисоди бозаргониро амиқ биёмӯхт. Истиқлол уфуқи назари мардумро вусъат бахшид. Эҳсои меҳанпарастӣ дар дили одамон реша давонд, онон идрок намуданд, ки хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар аст, он ҷо ки хуни ноф рехт, азизу хуҷаста аст. Подоши чунин дилбастагист, ки намои деҳоту гузарҳо, ҳисорҳо, дар маҷмӯъ Самарқанд, ба манзараҳои биҳишти афсонавӣ монанд мешавад.



Самарқандиён аз азал мардуми рӯҳбаланду сарбаландланд, гуфтору рафторашон як аст, яъне ки лафзҳалоланд. Мардуми ин сарзамин ба хокро зар намудан, аз ҳар қадам гул бирӯёндан ва ба идома додани анъаноти хубу неки аҷдод қодиранд. Ин маъниро ҳар касе, ки имрӯз бо бунёдкориву орзуву умедҳои онон ошност, нек пай мебарад. Зеро ниёкони онҳо соҳибқирону соҳибдевон, авлиёву анбиё будаанд. Арвоҳи онон ба самарқандиён имрӯз мадад мекунад.

Дидам, ки хокҷову мақбараҳо ва қадамҷои бузургони ин сарзамин рӯ ба ободӣ мениҳанд. Дар назди ҳайкали соҳибқирон Амир Темур ва Мир Алишери Навоӣ сари таъзим фуруд овардам. Дар хокҷои ҳазрати Хоҷа Аҳрори Валӣ тиловати Қуръон кардам. Мадориси олияи Регистон—Улуғбек, Тиллокорӣ, Шердор, Бибихоним, Шоҳизинда ва мақбараи Амир Темур ба ҳусни шаҳр ҳусн зам намудаанд. Оромгоҳи рамзии Шайх Абу Мансур Мотурудӣ ба зиёратгоҳ табдил ёфтааст.

Манзилгоҳи Хоҷа Исмоил ал-Бухорӣ дар деҳаи Хартанг,ки Каъбаи Сонӣ меномандаш низ зиёратгоҳи хосу ом аст.

Чунин зиёратгоҳҳо замини Самарқандро боз ҳам азизу шукӯҳмандтар сохтаанд.

Бино ба иқрори одамон солҳои охир ба бузургдошти азизу авлиё, алломаҳоямон эътибори махсус дода мешавад. Барои ман ин ҳолат хеле пазироист. Зеро халқе, ки аз азал дӯстдори аҳли маърифат аст ва ба қадри шоиру олим, муҳандису меъмор, оҳангсозу мусаввир ва рӯшанфикраш мерасад, ҳаргиз рӯи камиро намебинад. Имрӯз дар Самарқанд муносибати мардум ба инсонҳои бузургу барҷаста сазовори таҳсин аст. Аз ҷумла бо қарори ҳукумати вилоят фароху мутантан ҷашнгирии 130-солагии зодрӯзи шоири достонсаро Фозил Йўлдош, 90-солагии солгарди академик Воҳид Абдулло, 70-солагии профессор Саъдулло Мирзоев рамзи эҳтиром аст ба фарзандони номдори ин сарзамин. Дар Ургут ба хотири намояндагони тариқати Нақшбандия—Хоҷа Валиҷон ва Қутбиддин Эшон анҷумани бонуфузи илмӣ-амалӣ баргузор гардид.

Дар мавзеи Чорчинори Ургут бо кӯмаки ҳокимияти ноҳия ва мадади халқ мақбара бунёд ёфт, қабристон обод шуд. Аҳолии Самарқанд чунин ташаббусҳои хайру некӯи ҳокимиятро дастгирӣ мекунанд.

Самарқанд ба туфайли Истиқлол имрӯз ба маъвои озоду обод табдил меёбад, ки ниёгон дар орзӯяш буданд. Озмуни ҳармоҳае, ки ҳокимияти вилоят паи ободии шаҳру деҳот ташкил додааст, ин ҳаракатро тақвият мебахшад. Имрӯзҳо дар ҳамаи гӯшаву канори вилоят мардум дару остонаи худро ба тартиб меандозанд, ба ҳусни маҳалла меафзоянд, чойхона ва биноҳои маданиву маишӣ месозанд. Дар ҳамаи корҳои нек аз як гиребон сар баровардани мардум дилҳоро ба ваҷд меоварад.

Ин ҳама амалҳои хайрро худи мардум бо кӯмаку дастгирии такядорон ба субут мерасонанд. Дасти инсон гул аст. Бо саъю ҳаракат ва меҳнати одамон симои шаҳри бостонӣ ҷавон мегардад. Кӯчаҳо фароху озода, истгоҳҳо бино ба лоиҳаҳои меъморӣ қад афрохтаанд. Биноҳои серошёна иморат дидаанд, бозорҳои сергумбаз, растаҳои ороста манзараҳои афсонавиро ба ёд меоваранд. Гузаштаву имрӯз ба ҳам гӯё пайванди ногусастание ёфтаанд. Аҷибаш он, ки ба мақсади кӯмакрасонӣ ба бунёдкорӣ ва ободонӣ дар шаҳри Самарқанд даҳаҳо ташкил ёфтаанд.

Роҳбарони идораҳо масъулони даҳаҳоянд, вазъи даҳаро таҳти назорат мегиранд ва ҳисобот медиҳанд. Одамон акнун муаммоҳои зиндагиро байни худ ҳал мекунанд, соҳибихтиёранд.

Ҳангоми сӯҳбат мардум гуфтанд, ки қадами ҳокими нав нек омад. Бале, худо ба кулли ҳаракати хайр баракат медиҳад.

*Бинӯшидам аз оби Оби Раҳмат,*
*Ки огозаш бувад ҳавзоби ҷаннат.*
*Бишуст обаш ҳама ҷурму гуноҳам,*
*Саропо пок гаштам, маҳви ҳайрат.*

**Достонҳои деворӣ**

*Дар ин Дорулфунун шогирд будам,*
*Намудам боз девони Навоӣ.*
*Барои «Хамсаи нав» офарида,*
*Муқаддас ҷост мулки ошноӣ.*

Шоиру мусаввир ба ҳам аз бисёр ҷиҳат монанданд: яке бо сухан манзара офарад, ҳолату қисмати инсонро пеши назар оварад, дигаре бо кӯмаки рангҳо ин амал ба ҷо меоварад. Аз ин дидгоҳ гоҳо агар дар ашъори шоирони бузург ба тасвиркориҳои бузург рӯ ба рӯ шавем, дар офаридаҳои мусаввирони номӣ тахайюлоти шоиронаро эҳсос менамоем. Санъати баланд осори ҳардуро ба кӯи ҷовидон мекашад. Сипос худойро, ки дар Ўзбекистон соҳибистеъдодон кам нестанд. Ходими шоистаи санъати Ўзбекистон,мусаввир Э.Муҳаммадиев ва профессори санъатшинос Н.Султоновҳо аз зумраи чунин инсонҳоянд.Таблуи бузурги эшонро дар фойеи ба номи Алишер Навоии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки «Бӯстони маърифат» номгузорӣ шудааст, аз назар гузаронидам. Ин нақши деворӣ 192 метри мураббаъ ҳаҷм дорад. Метавон онро достоне номид, ки аз дирӯзу имрӯз ва фардои халқамон ҳикоя мекунад. Нақш бастан ба девори арку саройҳо дар Шарқ собиқаи дур дорад. Ин гуфтаро нақшҳои аз деворҳои Афросиёбшаҳр ёфтшуда тақвият мебахшанд. Имрӯз дар мамлакатамон биноҳои бузург сохта мешаванд, нақшҳои мусаввирони мо дар он биноҳо ба назар мерасанд, ки рӯҳи ҷилои давр доранд.

Таблуи «Бӯстони маърифат» аз панҷ қисм иборат аст. Қисмати «Садое аз мозӣ» таърихи халқи ўзбекро аз даври қадим то замони темуриён дар бар мегирад. Аз маркази асар симои Беруниии мутафаккир ба чашм мерасад, ки ба тасвири кураи замин андешаманд менигарад. Симои бадеии ал-Хоразмӣ, ал-Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино низ дар маркази ин қисми таблуяст, ки аз чеҳраи ҳар кадомашон олам-олам маънӣ метавон хонд. Дар таблу айёми Улуғбек чунин намо дорад: осмони пурситора, дар зери ин осмон мунаҷҷим Мирзо Улуғбек дасти навозиш ба сари кураи Замин ниҳодааст, дар паҳлӯи ў Алӣ Кушчӣ машғули ҳисобу китоб аст.

Ҳамчунин қабули сафирон аз ҷониби темуриён, тасвири мадрасаҳо, шоирону устодон ба асар рӯҳи фалсафӣ бахшидаанд. Парии илҳом, товусҳо ва духтарони дар даст чароғ композитсияро зиндатар намудаанд. Дар қисмати «Султони мулки ғазал» симои нуронии мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоии ҷавон, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Камолиддин Беҳзод тасвир ёфтаанд. Дар як гӯша Зебунисо давраи мушоира боз намудааст. Дар гӯшае Бобораҳим Машраб дар роҳи ишқи илоҳӣ месӯзад, дар чанги духтаре дили сӯзони ҷавонест, париваше маст аз суруду таронаи ишқист.

Шоираҳои ўзбек Нодирабегим, Увайсӣ ва Маҳзуна дар як гӯшаи таблу саргарми хаёлоти шоирона мунъакис ёфтаанд.

Қисмати ахири таблу «Мустақилӣ—рӯёби орзуҳо» унвон дорад. Дар ин қисм авлоди рӯз—ҳамзамонон ба назар мерасанд, ки бо сарвари мамлакат сӯи фардо гомҳои устувор мениҳанд.

Баъди тамошо беихтиёр бинанда ба меҳнати мусаввирон ва ташкилдиҳандагони ин таблуи бузург тасанно мехонад. Мехостам хизматҳои ректори Донишгоҳ Рустам Холмуродовро, ки сару сарвари ин кори нек будааст, алоҳида таъкид намоям.

Боз достони бузурги деворие маро мутаваҷҷеҳ сохт. Дар он низ қиссаҳои рӯзгори мозист.

Роҳи бузурги Абрешим—аз ёдгориҳои беқиёси тамаддуни қадимист. Дар он ҷасорати аҷдод андар кашфи саҳроҳои беҳудуд ва роҳи кӯҳҳои осмонбӯс муҷассам ёфтааст. Бо ин роҳи байниқитъавӣ на танҳо сарвати моддӣ, балки сарвати маънавӣ низ интиқол ёфтааст.

Бино ба шаҳодати муаррихон Роҳи бузурги абрешим паҳнои бузургеро аз баҳри Миёназамин то уқёнуси Ором фаро гирифтааст. Он роҳ сарриштаи пайванди дили миллатҳои гуногуни сарзаминҳои Ғарбу Шарқ будааст.

Давлати азими Турки Бузург низ, ки аз қабилаҳои муқимӣ ва кӯчӣ иборат буд, аз маҷрои болооби Энасой то соҳилҳои дарёи Ому аз паҳноҳои беҳудуди Манҷурия то фарохноҳои Босфори Киммерий дар сари Роҳи бузурги Абрешим қарор дошт. Ва бо давлатҳои бузурге чун Чин, Ирон ва Византия муносибатҳои сиёсиву иқтисодиро ба роҳ мемонд, роҳҳои савдои мамлакатҳоеро, ки аз Шарқи Дур то Баҳри Миёназамин тӯл кашида буданд, таҳти назорат гирифта буд...

Тоблуе, ки чил метр дарозӣ дорад, ба девори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷӣ насб гардидааст. Донишкадаи мазкур меваи истиқлол аст, ки дар рӯ ба рӯи Гӯри Амир, шафати майдони Регистони таърихӣ мавқеъ гузидааст. Таблу манзараҳои «Роҳи бузурги Абрешим» ном дорад ва аз номаш пайдост, ки ба мавзӯи таърихӣ бахшида шудааст. Муаллифи он Аслиддин Исоев ва Хушбахт Салоҳиддиновҳоянд. Чашм аз нақшҳои ин достони муҷассам намекандам ва солҳои донишҷӯӣ дар гӯшаҳои дуру наздики хаёлам аз нав зинда мешуданд. Ин бино замоне бинои факултаи филологияи Донишгоҳи давлатӣ буд, ки хеле тағйир ёфтааст. Ҳар хона бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз аст: компутер, видеотехника, диктофон, вобаста ба забонҳои хориҷӣ адабиёти илмиву бадеӣ ва ҳоказо. Пайдост, ки ректори Донишкада Юсуф Абдуллоев хеле кӯшидааст то даргоҳ ба масկани воқеии омӯзиши забонҳои хориҷӣ табдил ёбад. Насими истиқлол дар ҳар қадам мевазад. Омӯзиши толибилмонро дида, хоҳиши забономӯзӣ дар ман пайдо шуд. Беҳуда халқ «забон донӣ ҷаҳон донӣ» намегӯяд. Ҷавонони забондон ва ҷаҳондон ба иқтидори мамлакат хоҳанд афзуд. Худо ба фарзандони Президентамон бахту саодат диҳад.

Ҷавонӣ—баҳори умр: чашм рӯшан, бозувон барҷаста, дил пурҷӯш, қадамҳо устувор, чинори қомат сарсабз, ҷисму ҷонат ташнаи илм. Банда соли 1958 шогирди бахши дуюми Донишкадаи Давлатии Самарқанд будам. Дар як анҷумани илмӣ пешниҳод карда будам, ки дар ҳавлии Донишкада ҳайкали Алишер Навоӣ гузошта шавад. Аксарият маро ҷонибдорӣ карданд. Ин орзуи ширин пас аз истиқлол ба шарофати Президенти мӯҳтарам ҷомаи амал пӯшид. Дар хиёбони Донишгоҳ ҳайкали Мир Алишери Навоӣ қад афрохтааст.

Дар айёми истиқлол боз як орзуям по ба замини амал ниҳод. Дар Самарқанд музеи Алишер Навоӣ ташкил ёфт. Таърихи он чунин аст. Достони дуюми «Хамсаи нав» таҳти унвони «Корвони пуршукӯҳ» рӯи чопро дид, солҳои дар Самарқанд (1465-1469) умр ба сар бурдаи Навоиро дар бар мегирифт. Шодравон Шароф Рашидов маро ба ҳузури худ хонд ва хурсандиашро чунин изҳор дошт: «бигӯ ҳар чӣ мехоҳӣ». Он вақт аз он кас ман на мукофот, на унвони фахрӣ, на хона ва на мошин талабидаам. Шароф Рашидович чун ба ҳолу ҷонам намонданд, гуфтам, ки дар Самарқанд хона-музеи Алишер Навоиро ташкил диҳед, кифоя аст. Таклифамро бо мамнуният пазируфтанд. Вале афсӯс марги нобаҳангоми он кас имкон надод, ки орзӯям қабои амал дар бар кунад.

Сипос худойро, ки чун Ислом Каримов ба сари давлатамон омаданд, дари хона-музейи ба номи Алишер Навоӣ ба рӯи мардум боз гардид. Худо ёраш бод чунин инсони хайрхоҳро.

## Амали савобро ҳар рӯз кунед...

Имрӯз дар Самарқанд ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ пардохтаанд. Гурӯҳи кории ҳокимияти вилоят дар маҳалҳо бевосита вазифаҳои худро муайян намудааст. Пасу пеш масъалаву муаммоҳои иҷтимоӣ ҳаллу фасл мегарданд, ба мардум кӯмаки амалӣ мерасонанд. Аз ин рӯ гуфтан метавон дар деҳот фасли бедорӣ оғоз ёфтааст. Анқариб дар ҳамаи деҳаҳо ва маҳалҳо нуқтаҳои шифокорӣ, манзилҳои солимгардонӣ, маҷмӯи варзиш сохта шудаанд. Клубу китобхона ва ҳаммомҳо дар ба рӯи мардум кушудаанд. Аз боғҳои истироҳат, хоссатан, садои бачагон ба гӯш мерасид. Хонаҳои маданӣ серодаманд. Сазовори таҳсин аст, ки ҳокими вилоят шанбеи охири ҳар моҳро «Рӯзи мактабҳо» эълон намудааст. Ба шарофати «Рӯзи мактабҳо» базаи моддӣ-техникии таълимгоҳҳо мустаҳкам мегардад, қонун «Дар бораи таълим» ва «Дастури миллии омодасозии кадрҳо» иҷро мешаванд. Таълими халқ, ки дар назди ҳокимияти вилоят амал мекунад, дар ҳамаи корҳо саҳми муносиб мегузорад. Шӯро аз мӯйсафедон, омӯзгорон ва тарбиятгарони соҳибтаҷриба таркиб ёфтааст. Онҳо ба ҳалли муаммои мактабҳо кӯмак мерасонанд. Дар мактабҳои ноҳияҳои Тойлоқ, Пахтачӣ, Қӯшработ ва Нуробод чанд бор мулоқоти рӯ ба рӯ ташкил додаанд, ки натиҷаи матлуб бахшидааст. Натиҷаи меҳнати бисёр омӯзгорони хуб ва шогирдон рӯи об баромад. Ба соли хониши нав омода сохтани мактабҳо, дар назди ҳар мактаб хоҷагиҳои ёрирасон ташкил додан, ба ҳисобсурати худӣ соҳиб будани ҳар мактаб гарави пешравиҳои соҳаи маориф аст. Ҳамаи инҳоро шӯрои вакилон ба роҳ мемонад. Мактабҳои сохтаи сарватмандони ургутиро дида болидам. Ба таърифи коллеҷҳои дар вилоят бо ташаббуси Президентамон бунёдгардида сухан камӣ мекунад. Муддате ояндаи дурахшони Ўзбекистон, авлоди донову тавонои он пеши назарам омад. Дар Самарқанд ба муносибати «Соли гиромидошти куҳансолон» хеле тадбирҳо ба субут мерасанд. Аксари ҷавонон идрок намудаанд, ки ҳурмати пирон кори ҳамешагист. Мо ўҳдадор ҳастем, ки ба қадри меҳнат ва панду насиҳати пирони зиндадил бирасем.

Дар Самарқанд воҳӯрӣ бо пирон, ташкили мизи мудаввар ба ҳукми анъана даромадааст. Ғамхорӣ ба пирони мӯҳтоҷ ва якка, ҳифзи иҷтимоии онҳо ҳамеша дар мадди назар аст. Пас аз ҳар вохӯрӣ бо пирон дар «Боғи эҷодкорон» ба онҳо ғизои моддӣ ва маънавӣ дода мешавад. Чунин мулоқотҳои дилкаш дар деҳот низ сурат мегиранд. Чойхонаҳои обод дар ба рӯи мӯйсафедон боз намудаанд. Чун мавридаш омад бояд як чизро бигӯям: дар сафари аввалаам муҷассамаи Алишер Навоӣ ба офтоббаро—сӯи Донишгоҳ менигарист. Дар ин сафар дидам, ки ҳайкал пушт ба Донишгоҳ гардондааст ва сӯи ғуруб менигарад. Ҳайратам афзуд. Хиёбони Донишгоҳро роҳи автомобил буридa гузаштааст. Аз ин ҳол аҳли Самарқанд норозӣ будаанд. Хиёбону ҳайкал ба ҳоли аввал гардад, табъи дили мардум буд. Ба ҳокими нав расондам, ки бояд хатои ҳокими собиқ ислоҳ карда шавад. Ҳокими нав пешниҳодро хуш пазируфтанд. Иншоаллоҳ, хоҳиши халқ амалӣ мегардад.

Гуфтам, ки самарқандиён халқи меҳнатиянд. Ин маъниро меҳнати онҳо дар саҳроҳо ва иштиёқи аз субҳ то шом ризқу насибаофариашон исбот менамояд. Одамон чунин меҳисобанд, ки ризқу рӯзиашон дар замин аст. Аз ин рӯ арақи ҷабин ба замин мерезанд ва донаҳои арақашон дар намуди зироат аз замин сар боло мекунад. Ҳосили аввал—аз рӯи пилларасонӣ нақшаи шартномавӣ барзиёд иҷро шуд.Ба хирмани Ватан беш аз ду ҳазор тонна ашёи хоми саноатӣ рехта шуд. Сараки ғаллазор низ имсол бавазн шуд. Ба ҳиммати пудратчиён,ки аз ҳар гектар майдон 70 сентнерӣ дон ҷамъоварӣ намудаанд аҳсант мехонед.

Дар пахтазор амалиёт мувофиқи нақша аст. Муҳимаш он, ки деҳқонон аз саҳро безор нестанд. Субҳу шом аз паи ризқу рӯзиянд.

Рӯҳбаландӣ ва боварии мардуми Самарқанд ба фардо маро шод намуд. Аз хоки Ватан як каф ба рӯи даст гирифта такрор ба чашм молидам, масkани муқаддасро тавоф кардам:

*Ватан—ин қабри бобою падарҳоят,*
*Ватан—қадри ҳама ҷону ҷигарҳост.*
*Набошад гӯшае зеботар аз он,*
*Ватан дар ҳар куҷои даҳр бо мост.*

**Барот БОЙҚОБИЛОВ,**
**Шоири мардумии Ўзбекистон,**
**лауреати Мукофоти давлатии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ.**

## Ба ҷои табрик

# Асрори ҷавондилӣ



Асрори дарозумрӣ дар чист? Духтурон, олимон ва дигар шахсоне, ки ба ин ҷода сару кордор ҳастанд, дар ин бобат сабабҳои мухталифро ваҷҳ нишон медиҳанд. Аҳён-аҳён дар гуфтаву тахминҳои онҳо ваҷҳ дар бобати ба дарозумрӣ вобаста будани ҳазлу мутоиба шунида мешаваду мегӯянд:«Хандед, умратон дароз мешавад». Вале аз ҷиҳати илмӣ ин нукта исботи худро то ҳол пайдо накардааст.

Ба олимон, тадқиқотгарон маслиҳат медодем, ки барои аниқ тасаввур кардани асрори дарозумрӣ ба Тошканди азим ба идораи «Овози тоҷик», ба назди Тоҳирака Олимбоев ташриф оваранд, нуран ало нур мегардид. Чунки 20 август он кас ҷашн доранду ҳафтодсолагии зодрӯзи худро қайд мекунанд. Боварӣ дорем, ки агар тадқиқотгарони соҳаи мазкур дар назди он кас ҳозир шаванд, фавран ба синни ҳафтод рафтани Тоҳиракаро рад мекунанд. Чунки мӯйҳои чун қатрон сиёҳ, ҷавондиливу серзавқии он кас, ҳарчанд буруташон мошу биринҷ гардидааст, ба ин имконият намедиҳад. Дар таги шаст будани Тоҳиракаро зикр мекунанду филфавр баргашта мераванд ва аз ҳазли ноҷӯя кардани мо гӯё бохабар мешаванд.

Вале хоҳ бовар кунед, хоҳ не, Журналисти шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон Тоҳирака Олимбоев синни ҳафтодро зада мондаанду ба назари бегонагон он як воқеаи ғайриоддӣ баробари муоина кардани қадду қомат, чеҳраи он кас падидор мегардад. Рости гап, агар ҳоли ҳозир Тоҳиракаро шахси бегона муоина кунад, аз шаст сол зиёд намедиҳад. Ба идораи «Овози тоҷик» омаданаш чилу шаш сол сипарӣ шуданашро ҳам ҳазл мепиндорад.

Агар аз худи Тоҳирака дар ин хусус тавзеҳ пурсед, мудом гапро ба дигар тараф тоб дода мегӯянд:

—Дӯсти азизам, ана солҳо чӣ тавр тез гузашта мерафтаанд. Гӯё дирӯзакак буд, ки ба идора ба кор омада будам. Аз байн чилу шаш сол гузашта рафтааст, ки ба умри як ҷавонӣ баробар аст...

Дигаронро намедонаму ман ба синни ҳафтод рафтани Тоҳирака то ҳол боварӣ надорам ва ҳарчанд буруташон мошу биринҷ гардидааст, аз шаст сол бештареро намедиҳам ҳарчанд дар ҳуҷҷат санаи таваллуд соли 1932 сабт шуда бошад ҳам. Ва боз ба олимону тадқиқотгарон маслиҳат медиҳам, ки Тоҳиракаро мавриди тадқиқ қарор диҳанд, омӯзанду баъд ҳаққи қаламро ба ҳам бинанд. Зеро баъзе қаламкашон аз хусуси мӯйи сиёҳу чеҳраи ҷавонӣ, ҷавондилии Тоҳирака ба гӯшаҳои «Турфа олам» ва «Асрори дарозумрӣ» маводҳо чоп карда, ҳаққи қалами бисёре гирифтаанду акаи Тоҳир аз онҳо то ҳол домангир аст, ки ўро «фурӯхта» ҳатто як шиша ва ё як кружка пиво гирифта надодаанд...

Оиди хислату симои соҳибҷашн боз чандин хушгуфториву лутфҳои самимӣ ҳастанд, ки онҳо ба ҳақиқати ҳол хеле наздиканду касро ба хаёл кардан водор месозанд. Алалхусус дар бораи ҷавончеҳрагиву ҷавондилӣ ва зарофатгӯиҳои ин марди «куҳансол» дар байни дӯстону ёрон ва ҳамкорон бисёр хушгуфториҳо ҳастанд, ки баробари ба қалам додан адо намешаванд. Нақли он касро дар бобати раҳоӣ бахшидан аз ҳар гуна тахминҳои «калонҳо» дар бораи зердастон, оштӣ андохтани қаҳриён бе ҳаяҷон шунидан мумкин нест. Аз ин рӯ, дар кадом давра сухан дар бораи Тоҳирака равад, дар он ҳатман хушҳолӣ ҳамаро фаро мегирад.

Ва хушнудӣ ва хушҳолии Тоҳирака ягон касро безътибор намемонад ва ҳатман бо он ҷавоб медиҳад. Алалхусус ҳамеша ҷавон будани он касро бо ифодаи ба худ хосе баён мекунанд. Аз он ҷумла, дар яке аз нишастҳои дӯстон ҳофизи мардумӣ ва ширинадои халқ Ҷӯрабеки Мурод баъди салому алейк чашм ба акаи Тоҳир дӯхта чунин суханонро ба забон гирифта буданд, ки ҳеҷ аз ёд намеравад:«Ин марди кӯҳистониро солиёни дароз мешиносаму дӯсташ медорам. Аз бозе, ки ўро мешиносам, мудом як зайл—бо ҷавончеҳрагию ҷавондилӣ, хушгуфторию ҳалим медонам. Ҳамон чеҳраи хандон, ҳамон мӯю абрӯи сиёҳ, ҷавонии беғубор дар симои ў намоён аст. Гумон мебарам, ки бародари кӯҳистониро «консервироват» карда бошанд». Худ қазоват кунед, аз ин дида луфту хушгуфтории болое мешавад?!

Боз як хислати нодире дар Тоҳирака таҷассум гардидааст, ки шояд онро ҳамкорон, ёрону дӯстон пай мебаранд. Ин саъю кӯшиш дар бобати нигоҳ доштани оромӣ, осоиш дӯстиву ҳамкорист. Ва он вобаста ба рафтори «дурӯғгӯӣ»-и он кас мебошад. Чуноне ки дар Қуръони Карим таъкид гардидааст, барои оштӣ кардани ногапон истифода бурдани дурӯғ гуноҳ ба ҳисоб намеравад. Дар омади гап бояд гуфт, ки Тоҳирака баъзан ба ҳамин мақсад «дурӯғгӯӣ» ҳам мекунанд. Ва он дар айёме рух медиҳад, ки байни ҳамкорон-ҷӯраҳо ва рафиқон номуросоие ба амал омада, гапашон гурехтааст ва ё аз байнашон гурбаи сиёҳ гузаштааст. Дар ин гуна ҳолат, Тоҳирака аз воситаи муҳими оштикунонӣ моҳирона истифода мебаранд. Яъне Тоҳирака яке аз «гапашон гурехтагӣ»-ро гӯё тасодуфан дида мемонанду аз хусуси шахсе, ки ҳамгап нестанд, чунин мегӯянд:«Фалонӣ аз он ки шуморо ранҷондааст, хеле таассуф мехӯрад. Вале ҷуръате надорад бо шумо рӯ ба рӯ шуда, онро мардонавор ба гардан гирад. Аз рафтори ношоистаи худ хеле хиҷолат мекашад. «Ба шахси дуввумии гапаш гурехта» низ чунин суханонро бо обу ранги бадеӣ такрор ба такрор мегӯянд.

Рӯзи дигар ин ҳамкорон, ҷӯраҳо рӯ ба рӯ шаванд, гӯё аз байнашон чизе нагузашта бошад, якдигарро ба оғӯш мегиранд ва бо ҳамин боз як манбаи ноoромӣ барҳам мехӯрад. Инак, «дурӯғгӯӣ» ҳам баъзан нафъи калон расонданаш дар мисоли рафтори Тоҳирака ошкор мегардад...

Тоҳирака Олимбоевро муштариёни рӯзнома бо тахаллуси «О.Тоҳир» бештар мешиносанд. Чунки бисёр чакидаву маводҳояшон маҳз таҳти ҳамин имзо рӯи чопро мебинад. Ба ғайр аз шарҳҳои бозиҳои варзишӣ, хабару мақолаҳо, аз хусуси фаъолият дар соҳаҳои мухталиф рӯи чопро дидаанду дар айни замон муштариён хуб дар хотир доранд, ки он кас муаллифи чакидаҳои намакин таҳти унвонҳои «Аз дафтари ронандаи ҳаваскор», «Аз забони бачаҳо», «Латифаҳои рӯз» мебошанд. Агар ҳамаи онҳоро Тоҳирака ҷамъ меоварданд, чандин саҳифаи китобро оро медоду ба хонандагон шавқу завқи калоне мебахшид. Аммо соҳибҷашн аз он афсӯс намехӯрад. Зеро борҳо шоҳиди он гардидаем, ки дар давраи дӯстон, сӯҳбатҳои улфату ҳамкорон, албатта, аз хусуси шӯхиҳо, ҳазлу мутоибаи «ронандаи ҳаваскор», саволҳои ба танговарандаи наберагон ва латифаҳое, ки ҳар рӯз дуҷор меоянд, сухан рафта, ҳозирин аз шунидани онҳо завқи калон бардошта, қаҳ-қаҳа мезананд. Ин аст, қувваи сухангӯиву дилҷӯӣ. Зеро баъзан даста-даста «асарҳое» навишта мешаванду онҳоро ба ғайр аз худи муаллиф касе ба хотир намеоварад. Ана қудрати сухан дар чист?

Тоҳирака синни ҳафтодро дакка заданд. Аммо ба назар ҷавонанд. Ба чеҳраи он кас дида дӯхта, ба чӣ қодир будани ширингуфториву ширинсуханӣ, ҳазлу мутоибаро ба тезӣ пай мебаред. Асрори дарозумрӣ, ҷавондилӣ дар ханда, чеҳраи кушод будаашро бараъло ҳис мекунед. Хандаи беғаш, ҳазлу мутоибаи сидқидилӣ на танҳо он кас, балки ҳамсӯҳбатонро ҳам ҷавон мегардонад.

Аз Тоҳир ака пурсед, ки ба ғайр аз ин омилҳои асрори дарозумрӣ ба чӣ вобаста аст, ҳатман ҷавоб мегардонанд:

«Дӯсти азизам, асрори дарозумрии ман дар меҳру муҳаббати ҳамкорон ва дӯстон мебошад. Онҳо мудом ба ман илҳом мебахшанд ва ба пешомадҳои нав ба нав ҳидоят месозанд».

Оре, меҳру муҳаббати самимӣ, кушодачеҳрагӣ, хушгуфториву ширинсуханӣ асрори дарозумрӣ будааст. Инро роҳи ҳаётии марде исбот мекунад, ки қавиҷусса асту бардам-бардам қадам мепартояд, ба ин он тараф назар афканда, ҳамсӯҳбатеро ҷустуҷӯ дорад. Чунки дар дил ширингуфторӣ, ширинсуханӣ, ҳазлу мутоибаи нав ба нав туғён мекунад. Ва Тоҳирака хуб медонад, ки ҳамаи он барои баланд бардоштани рӯҳият ва кайфияти дигарон, раҳо кардани ҳар як шахси шиносу ношинос андозае аз ташвишҳои зиндагӣ, шодиву нишот бахшидан, осон кардани мушкилоти шахси дигар нигаронда шудааст. Тоҳирака бо ҳамин ният чилушаш сол боз дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» қадамҳои дилпурона гузошт ва кам нашуд. Аз ғамхории ҳамкорон, бонуи меҳрубон, фарзандону набераҳои аз якдигар ширин баҳравар асту ба сӯи амалӣ гардондани мақсадҳои нав гомҳои боэътимод мегузорад.

Дар ин синни муборак ба соҳибҷашн пеш аз ҳама сиҳҳату саломатӣ, бурдбориҳоро таманно карда, мегӯем, «то ҳаёт аст, ҳамеша некному зиндадил боқӣ монед, тамоми хушиҳои зиндагӣ ҳамроҳатон бод!».

**Э.ТУРДИҚУЛОВ,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

# Кӯмаки инсонпарварона ба Тоҷикистон

Дар Вазорати вазъияти фавқулоддаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон машварат бахшида ба масъалаи расондани кӯмаки башардӯстонае ба амал омад, ки барои аҳолии Ҷумҳурияти Тоҷикистон ҷудо гардидааст, ки дар натиҷаи офати табиӣ зарар дидаанд. Дар он намояндагони як қатор вазорату идораҳои мамлакатамон иштирок намуданд.

Дар натиҷаи сел дар деҳаи Даштаки вилояти Бадахшони Кӯҳии Тоҷикистон 21 нафар фавтид ва беш аз 70 бино вайрон гардид. Дар маҳали офат корҳо оиди азнавбарқароркунӣ ва барҳам задани оқибатҳои сел оғоз ёфтаанд.

Мувофиқи Амри Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба сифати кӯмаки инсонпарварона чанд вагон масолеҳи бинокорӣ (семент ва шифер), 20 тонна орд, 5 тонна маҳсулоти макаронӣ ва 5 тонна шакар ҷудо гардидааст. Дар машварат дар Вазорати вазъияти фавқулодда масъалаҳои алоқаманди расонда додани ин бори инсонпарварона дар фурсати кӯтоҳ ба маҳали таъинот мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**(ЎзА).**

Абдулло Субҳон

# Суол

*Дунё бигӯ, бо ман бигӯ,*
*Хуршеду моҳат рӯи кист?*
*Чашми киянд истораҳот,*
*Дарёи ту гесӯи кист?*

*Саҳрои ту дасти кушод,*
*Он дасти кист, он дасти кист?*
*Аз шонаи кӯҳат бузург,*
*Дар арзу тӯле шона нест.*

*Дар гӯри шомат хуфтаам,*
*То рӯзҳое мурдасон.*
*Бахшидааст Исми субҳ,*
*Дар пайкарам бисёр ҷон.*

*Паррандаҳот омӯхтаст,*
*Бар мурғи дил парвозҳо.*
*Як сон намеояд ба гӯш,*
*Аз бешаҳот овозҳо:*

*Гоҳо расад савти ҳазор,*
*Гаҳ хониши кабки дарӣ.*
*Овози шер ояд гаҳе,*
*Гоҳе расад бонги харе...*

*Ин одамон, ин одамон,*
*Мӯранд дар оғӯши ту.*
*Паҳну парешон мехазанд,*
*Дар пою дасту гӯши ту...*

*Ин мӯракон, ин мӯракон,*
*Камзӯракон, пурзӯракон.*
*Аз баҳри хӯрдан омаданд,*
*Ё баҳри мурдан омаданд?*

*Дунё бигӯ, бо ман бигӯ,*
*Хуршеду моҳат рӯи кист?*
*Чашми киянд истораҳот,*
*Дарёи ту гесӯи кист?*

**18 август—Рӯзи флоти ҳавоӣ**

# Хатҳои нави парвоз

Фардо дар мамлакати мо Рӯзи флоти ҳавоӣ ҷашн гирифта мешавад, ки он иди умумии тамоми авиаторон мебошад. Инҳо ходимони ширкати миллии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари», Ҷамъияти давлатии саҳҳомии ТАПОиЧ, қисмҳои Қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ, пилотҳои Ҳимояи ҳуҷуми ҳавоӣ ва дигар соҳаҳои ба ин шуғл наздик мебошанд.

Дар арафаи иди касбии авиаторон дар ҳаёти «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» лоиҳаҳои нав пухта мерасад, ки он бо парвозҳои нав вобастагӣ дорад. Дар давраи тирамоҳу зимистон ба ҷадвали парвозҳо ду шаҳри нав дохил карда шудааст. Инҳо пойтахти Ҷопон шаҳри Токио ва Теҳрон—пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошанд, ки ба ин шаҳрҳо аз Тошканд парвозҳои доимӣ ба роҳ гузошта хоҳанд шуд.

Маълум аст, ки ба роҳ гузоштани парвозҳои нав кори тӯлонӣ мебошад, зеро танҳо ба роҳ гузоштани парвоз ҳама масъалаҳои марбути онро бартараф намесозад. Ва дар ин гуна мавридҳо пеш аз ҳама манфиати иқтисодӣ ва амнияти парвозҳо дар мадди аввал қарор мегиранд.

Бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳукумати мо кайҳост, ки ҳуҷҷати байниҳукуматиро дар бобати ба роҳ гузоштани парвоз ба имзо расондааст. «Ширкати ҳавопаймоии Эрон», ки парвозро рӯи хати Теҳрон—Тошканд—Алмаато (ва бозгашти онро) ба анҷом мерасонад. Рӯзҳои наздик ҳайати «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» ба Теҳрон рафта, дар бобати ҷанбаи иқтисодии шартнома мувофиқа хоҳанд кард, ки он имконият медиҳад, экипажҳои мо аз 26 октябри соли ҷорӣ ҳафтае як бор (баъдтар он метавонад зиёд гардад) парвоз намоянд.

Беш аз панҷ сол аст,ки бо Ҷопон ҳамкорӣ дар соҳаи номбурда идома дорад, ки он дар самти иҷозати маъмурӣ ҷараён дошт. Дар ин байн ба ин кишвар даҳҳо бор аз Ӯзбекистон парвозҳои якборагӣ анҷом дода шуд, байни Тошканд ва Осака бошад, парвозҳо муттасил иҷро мешаванд. Ва ҳоло ин ягона парвоз байни кишварҳои Қафқозу Осиёи Марказӣ ба Ҷопон мебошад. Дар мулоқотҳои зиёди байни ҳайатҳои Ӯзбекистон ва Ҷопон арз гардид, ки шартномаи байниҳукуматӣ ҳарчӣ зудтар дар бобати парвози Тошканд—Токио ба имзо расад. Ҷониби Ҷопон ба он таваҷҷӯҳ менамояд, ки ин парвоз (Тошканд—Токио) аз лиҳози замон бо парвози Тошканд—Теҳрон пайваст гардад.

**Ш.ЗАЙНУДДИНОВ.**

**«Ӯзбекистон—Ватани ман»**

# Мадҳи Ватан

***Дар мамлакатамон гузарондани марҳалаи хотимавии иди суруди «Ӯзбекистон—Ватаним маним» («Ӯзбекистон—Ватани ман») ҳар сол дар пойтахт ба анъанаи нек мубаддал гардидааст. Мухбири ӮзА бо ҷонишини аввали вазири фарҳанги ҷумҳурият Эркин Эрназаров аз хусуси аҳамияти ин иди суруд ҳамсӯҳбат гардид.***

**—Иди суруд дар Ӯзбекистон бори ҳафтум гузаронда мешавад. Аҳамияти он дар рушди санъат, фарҳанг ва маънавиётамон чӣ гуна аст, ба тадбири мазкур чӣ гуна мақом дода шудааст?**

—Ба фикрам, Низоми иди суруди Ӯзбекистонро ба хотир оварем, кофист. Дар он аз ҷумла зикр гардидааст, ки вай ба мақсади фароҳам овардани имконияти калон баҳри офаридани асарҳои волоадабие гузаронда мешавад, ки давлати ояндааш бузург ва халқи саховатқалбу дурандешро тараннум мекунаду барои чун гавҳараки чашм эҳтиёт намудани истиқлолият, агар лозим ояд, барои он нисор кардани ҷон даъват месозад.

Агар ба таърихи сурудҳо ва оҳангҳое, ки дар иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз—Рӯзи истиқлол, Наврӯз ва ғайра садо медиҳанд, аз наздик ошно гардем, дар он сурат маълум мегардад, ки онҳо бори аввал ҳини иди суруди Ӯзбекистон ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардидаанд. Барои ошкор сохтани соҳибистеъдодҳои нав ба нав мусоидат мекунад. Иди суруди Ӯзбекистон барои муттаҳид сохтани ҳазорон дӯстдорони мусиқиву суруд новобаста аз синну сол ва касбу кор мусоидат мекунад. Ва он Ватан, халқи хеш, зебоғӣ ва назаррабоии кишварро мадҳ месозаду ба одамон кайфияти тамоман навро мебахшад.

**—Дар марҳалаи хотимавӣ киҳо иштирок доранд?**

—Тадбири мазкур дар ду марҳала мегузарад. Ғолибони марҳалаҳои аввала дар марҳалаи ҳалкунанда иштирок мекунанд.

Охир, дар низоми мухталиф озмуни мазкур гузаронда мешавад ва беҳтарини онҳо-ғолибон дар марҳалаи хотимавии иди суруд иштирок мекунанд. Масалан, дар низоми вазорати мо овозхони самарқандӣ Турсуной Ҷӯраева бо суруди «Ватан сотилмас» ҷои аввалро ишғол намуд ва дар марҳалаи ҳалкунанда иштирок мекунад.

**—Дар бораи дараҷа, мазмуну мундариҷаи сурудҳо ва оҳангҳои доираи озмуназназаргузаронии иди суруди Ӯзбекистон чиҳоро гуфтан мумкин аст?**

—Он чиз хурсандӣ мебахшад, ки баробари суруди эстрадӣ ба сурудҳои миллӣ, халқӣ, асарҳои эҷодиёти даҳонакии халқ диққату эътибор калон аст. Дар ин бобат таъсири иди умумихалқии Наврӯз ниҳоят калон аст.

Муроҷиат ба асарҳои классикӣ, дурдонаи гаронбаҳои эҷодиёти даҳонакии халқ махсусан дар иди фолклории «Бойсун баҳори» ва озмун-азназаргузаронии анъанавии ҷумҳурии ҷамоаҳои фолклориву этнографӣ намоён гардид.

Баробари ин таъкид кардан зарур аст, ки на ҳамаи сурудҳо, ки дар доираи иди суруд садо медиҳанд, ба талаботи кунун пурра ҷавобгӯ ҳастанд. Ба қадри зарурӣ набудани ҳамкории эҷодии иҷрогарон, ҷамоаҳо ба шоирон ва оҳангсозон ба назар мехурад. Мутаасифона, аз барномаи баъзе ҳунарварон сурудҳои сатҳӣ, аз ҷиҳати маънӣ хароб ҷой доранд аз қалб ҷо пайдо намекунанд.

Иди суруд ин ҳамчунин озмоиши маҳорат аст, ки дар он оҳангу сурудҳои беҳтарин интихоб карда мешаванд.

**—Марҳалаи хотимавӣ кай ба анҷом мерасад?**

—Марҳалаи хотимавии иди суруди Ӯзбекистон 15 ва 16 август дар Театри миллии академии драмаи Ӯзбекистон шуда гузашта, консерти калон бо иштироки лауреатҳои он 18 август дар Қасри Дӯстии Халқҳо ба амал меояд.

Албатта, миқёси ид бо ҳамин маҳдуд намегардад. Ҳамчунин сурудҳо ва оҳангҳо дар хонаҳои фарҳанг, хиёбонҳо, муассисаҳои таълимӣ, қисмҳои ҳарбии на танҳо пойтахт, балки саросари вилоятҳо ҳам садо медиҳанд, ки 11-солагии мустақилияти Ватани азизамонро мадҳ месозанд.

М. ШОДИЕВ

# Зиндагӣ зӯр аст

(Қисса)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта.)**

– Ҷони хола... – тозон мебарояд Маъсума бо шуниданy дидани Шаҳноз якбора шукуфта. Ӯро ба оғӯш мекашад, мебӯсад, ҳол мепурсад, вале гӯё Шаҳноз санги сард. Аз ин суст мешавад Маъсума, ба ташвиш меафтад, дар қиёфаю чашмони изтиробзадаи ӯ ташвишу нохушиеро пай бурда.

– Духтарам, тобат дуруст? Модарат дуруст?

– Дуруст, ману модарам дуруст, падарам ҳам дуруст!

Маъсума дар гуфтору дар чашмони ҳамеша меҳрубони Шаҳноз сардии тамасхуромезе дида, дилаш дар қабзаи изтироб гуп-гуп мезанад.

«Як гап ҳаст...»

– Духтарам, хона дароем. Чӣ гап худаш, тинҷист? Шунидам, ки як-ду рӯз боз ту аз чизе хафа. Ҳоло ҳам ошуфтаӣ. Кӣ хафа кард, холет ҷӯрӣ?

Шаҳноз хона надаромада, рӯи кате, ки ба як кунҷи ҳавлист, амонат нишаста, лаҳзае бесухан, бо нигоҳи сареъ Маъсумаро барандоз мекунад: «Наход, ки ин...» Ва якбора аламу асабоният дар вай рӯ зада, сумкачаашро кушода, занҷираи тиллоеро, ки Холаҷон чанде пеш тақдим карда буд, гирифта ба наздаш мегузорад.

– Бубахшед, мана чизатон. Гумон доштам, ки инро аз рӯи меҳр тӯҳфа мекунед. Ду бор, ду лаҳзаяк, дар пеши худатон ба гардан андохтаму халос, бовар кунед. Ина ба духтари дигар, ба духтари «хоҳархонди» дигаратон тӯҳфа мекунед!..

Бо ситез ин мегӯяд Шаҳноз ва мебинад, ки чӣ сон ранг бурду ранг овард Маъсума, чӣ гуна дар як он мурду зинда шуд...

Вай ларзон, базӯр лаб мекушояд:

– Нафаҳмидам, духтарам?

Ва бо як эҳсоси талх аз дил мегузаронад: «Чӣ шудааст ба ин? Аз он, ки ба Умед... Не, ба он кор розӣ набошад, Шаҳноз ба ин дараҷа намерасад. Як гапи дигар ҳаст!»

– Кушодтар гап зан, кӣ туро ба муқобили ман шӯронд? – изтиробзада мепурсад Маъсума. – Ту ин хел набудӣ? Оҳ, кош медонистӣ, ки ман, мани зор, чӣ хел туро...

– Маро ё модари маро?

– Туро ҳам, бачам, модарат ҳам, дилу ҷони манед!

– Рост? – зери лаб механдад Шаҳноз, аз аламу дард механдад ва ашк шӯъла мезанад дар чашмонаш, – Дуи мову халос? – неши киноя мезанад ба ҷигари Маъсума бо дуруштиву бераҳмӣ, – падари ман, шавҳари «хоҳархонд» чӣ, хола?

– Ӯ ҳам бароям... азиз, – лаҳзае худро гум мекунад Маъсума.

– Офарин! – мегӯяд Шаҳноз бо ҳамон оҳанг, – лекин «ӯ ҳам набудагист, фақат «ӯ» будагист, барои худо! Ба шумо фақат додои ман азиз, ӯ даркору халос! Ману модарам... Бечораяк, соддаяки модарам...

Ин гуфта, бо як ҳоли зору аламнок гиря мекунад Шаҳноз ва гирёну бирён боз ба сухан медарояд:

– Аз он даме, ки дуятонро, дастбадаст, дар хиёбони Амир Темур дидам, бовар кунед, дилам аз одам, аз одамигарӣ, аз тамоми олам монд! Қоиле! О, шумо хола не, «Холаҷон»-и ман-а! Ба модарам хоҳар-а, шумо, хоҳари қиёматӣ!!!

Маъсума, рӯ ба каф пӯшонда, батамом худро гум мекунад.

«Э, ана гап дар куҷо. Оҳ, худоҷон, ҳоло чӣ гӯм ба Шаҳноз, чӣ?»

Солҳо боз сиреро аз Шаҳноз ниҳон дошта омада... хато мекардааст Маъсума. Як ӯ не, «уҳо» хато мекардаанд. Ҳато мекардаанд! Ана, оқибаташ. Духтарак ӯро ба падари худ дида, девона шудааст. Ба вай чӣ хел бояд фаҳмонд? Чӣ хел ӯро ором кард?

Банохост Шаҳноз аз ҷо мехезад ва ба пои Маъсума поин лағжида, бо чашмони ашкбор бо зону нишаста: – Илтимос, – мегӯяд ӯ, – ба модарам раҳм кунед. Дигар, дигар тинҷ гузоред падарамро, дар поҳотон мирам!

Ва умедвор мешавад, ки Холаҷон аз зери бағалаш гирифтаву нарм хезонда, ӯро тасаллӣ медиҳад. Дурӯғ бошад ҳам, барои таскини дили духтарак: «Миёни мову падарат чизе нест, ҷуз дӯстие, ки миёни ҳар марду зани ба ҳам хайрхоҳ шуданаш мумкин» – мегӯяд. Ва боз мегӯяд, ки хотирҷамъ бош, модоме ту ҷонибдори вохӯрдани мо не, ҳамин тавр мекунем. О, наход ту ба ман бовар надорӣ? Наход ман ба модарат – хоҳархонди худам, хиёнат кунам?!

Вале Маъсума, аз баногоҳ рӯ шудани рози ниҳон, гӯё осмон ба сараш фурӯ омада, ҳамон даступохӯрдааст. Дар ҳолати ҳаяҷони сахту гулӯгир батакрор «духтарам... ман, духтарҷон...» – мегӯяду халос.

«Аз афт, сахт меҳр мондагӣ ба падари ман, дил канданӣ не, бо оби чашму зорӣ, аз рӯи кор, ба ӯ таъсир расондан душвор...»

Ва Шаҳноз, дилаш аз ранҷу алам сахттар фишор хӯрда, чин ба абрӯ, сахт менигарад ба Маъсума ва сахт мегӯяд: – Духтарам нагӯед, ман духтаратон не! Духтаратон не!!!

Ва хеставу ашки чашм сутурда, бо тундӣ тоб хӯрда, аз ҳавлӣ мебарояд Шаҳноз. Вале то дер, такрор ба такрор, садо медиҳад «Ман духтаратон не – гӯии вай дар паси гӯши Маъсума.

Ва вай, зани бадбахт, ки аз қафои Шаҳноз беҳуда якду қадам ниҳода буд, якбора ба замин афтода, рӯяшро ба девори роҳрав фишурда, зорзор гиря мекунад.

«Ту духтари ман не? Эҳтимол ба чунин гуфтан ҳақ ҳам дорӣ, духтаракам...»

Ошуфта агар буд, Шаҳноз аз дучоройӣ ба падар дар дами дарвоза, ки ба куҷое шитоб дошт, ошуфтатар мешавад, гумонҳо ба дилаш ханҷол мезананд: «Куҷо равонааст? Назди... Маъсумааш?»

– Ҳа, додо?

– Омадӣ, духтарам? Ҳамсоя ҷеғ зад, меҳмон доштааст. Модарат мумкин бевақт ояд, худат барои бегоҳ ягон чиз паз.

Рӯфтан лозим. Об овардан ва аз паи таоми шом шудан... Вале дасту дили Шаҳноз ба ягон кор намеравад. Сараш дард дорад, пеши назараш торик, ҳастиаш дар панҷаи изтироб, дилу ҷигараш хуноб. «Дар ин синну сол, додоҷон, ба шумо чӣ шуд? Куҷои он зан аз модарам баланд? Куҷош? Ҳуснаш? Табассумаш? Такаллумаш? Бечора, модарам...»

Хайр, ҳоло модараш ояд... Чӣ мекунад? Мегӯяд? Чӣ мегӯяд? Чӣ хел мегӯяд? Оҳ, худоҷон...

✿✿✿

Сари Маъсума ғуввос, пеши чашмонаш сиёҳӣ мезанад, гӯшҳояш садо медиҳанд. Бемадор ҷое, ки меистод, нишаста, мехоҳад як нафас рост кунад, вале торафт бад ҳис мекунад худро.

«Хато кардаам, хато мекардаам. Хато, хато, хато.»

Вале бо ба худ, ба сарнавишта худ лаънатҳо фиристода, беҳаракат нишастан мурод ҳосил намешавад. Ҳанӯз, ки чандон дер не, бояд аз паиислоҳи хатогӣ шуд. Бо Марҳабо маслиҳат карда, ҳамааш, ҳарчи зудтар, ба Шаҳноз бояд гуфт – дигар ҷои пинҳон доштани роз нест. «Хӯҷаин» низ лозим, ӯро ҳам бояд огоҳ кард. Бояд огоҳ кард, ки духтараш, аз «ба таври худ» фаҳмидани ҳақиқати ҳол, ба ӯву Холаҷон рашк мекунад. Девонавор!

Гарон аст андешаҳои Маъсума, гарони гарон!

Вай сари чун сурб вазнини худро – гӯё он ҳамин замон ба замин афтода, пора-пора мешуда бошад, – маҳкам дошта, пайкари ба як мушти ғам табдилёфтаашро базӯр кашола карда, худ ба сари телефон мерасонад. Бо азобе ғалаёни дил андак фурӯ нишонда, бо панҷаи ларзон рақам мечинад.

Вале аз он сӯ... овози Шаҳноз.

Лаҳзае худро гум мекунад Маъсума.

Чӣ гӯяд? Гӯяд, ки ман...

Не, ҷуръат намекунад. Оҳ, Марҳабо куҷост?...

✿✿✿

...– Алло, – мегӯяд Шаҳноз, вале аз он сӯ, аз он гӯшаи сим, аз чӣ бошад, дигар садо не, фақат нафаскашию хаёле, пурҳаяҷон.

– Мешунавам, – баландтар овоз медиҳад Шаҳноз ва аз гӯшакро ниҳодани телефонкунанда тааҷҷуб мекунад. «Тавба...»

Яке тирвор ба сараш меҳӯрад, ки ӯ... Холаҷон нест? Ӯ, яқин, мехост ба «дилхоҳ» занг занад, аммо гӯширо духтари вай, ки аз сир огоҳ шудааст, бардошту дамаш ба дарун зад.

Дили Шаҳноз бисёр ғаш аст. Ғашии дилаш аз пешомади ногуворе гувоҳӣ медиҳад. «Як ҳодиса рӯй надиҳад-ку...»

Ду ҳафта пеш аз куҷо ҳам Маъсума ба ҳавлиашон рафту ҳамааш сар шуд! Ба дили падараш оташ афтод. Зангиота гуфту оилаи худ гирифта, ба ин ҷо омад. Тошканд гуфту ба назди... Маъсума рафт. Ва худо ҳардуро баногоҳ ба вай, Шаҳноз, рӯбарӯ кард. Кош, намедид!

✿✿✿

«Айби худам, айби худам...» – худро коҳиш мекунад Маъсума, нафрин мехонад ба худ, бо таассуф дасти ларзону рагдамида ба рӯи зонувон зада. Чӣ кор кунад, аз нав сим занад?

Ва боз, бо сад хаёли дарҳам, рақам мечинад. Вале боз, аз он ҷониб, овози Шаҳноз.

– Духтарам, кӣ ҳаст? – ларзон садо медиҳад овозаш.

– Кӣ даркор, додом? – мешунавад Шаҳнозро, ки дар оҳанги гуфтори ӯ ғазаб, кина, нафрату бадбинӣ ба ҳам дароmeхта. – Дар Тошканди азим ба тухми мард, марди безан қаҳт омадагӣ, ки шумо... – ва бо қаҳр, ин гуфта, дар нафасе бо заҳри сухан кори Холаҷонро карда, гӯшира мегузорад.

Бале, кори Холаҷонро карда! Вале Шаҳноз ҳарчанд дарду алами худ рехт, чуқуртар ба вартаи ноҳинҷорӣ фурӯ рафта, дилаш тундтар тапида, нафас дар гулӯяш раҳгум мезанад.

Мехезад, вале сараш якбора гирд гашта, қариб ба фарш афтад. Бо азобе худро ба кат расонда, дароз мекашад. Мисле, ки рӯи хор хобида бошад, нороҳат аст. Дар дигар хонаи падар, дар хонаи дар Зангиота будаи вай не, гӯё дар гӯрхона аст. Чаро омад-а? Донад, меомад? Аз Фарғона як қадам мемонд?

Лекин Маъсумаю падари ӯ... Кай боз бахаманд онҳо? Чаро модар бехабар? Модари гӯлаш, модари соддааш...

✿✿✿

Нигоҳи маъюсу ғамолуди Маъсума ба ҷевони ойинабанди пешорӯ, ки даруни он сурати рангаи Шаҳноз гузошта шуда.

«Айби ту не, фариштаякам, айби худам...»

Торафт бадшавии аҳволи худ ҳис карда, вай бо азобе ба писаронаш Теҳрону Самеъ сим мезанад. Зуд ҳозир шуда, аз ду паҳлӯи Маъсума, ки рӯи кат дароз кашидааст, ҷой гирифта, писарон яке даст, дуввумӣ пешонаи ӯро мемоланд.

– Оча, ба шумо чӣ шуд?

Дар ташвишанд онҳо, аз он ки ин тавр, якбора, ҳоли модар бад шудааст.

– Тифоқ шавед, бачаяком, ба якдигар меҳрубон шавед!

Аз ин ҳарфҳои насиҳатомези модар, ки базӯр мебароянд, хаёле, бӯи васият шунида, фарзандон ба таҳлука меафтанд.

– Оча...

– Аз шумо дилпурам, ки хонадор, фарзанддор, ҷоҳу ҷалол доред. Лекин Умед... Аз ӯ бохабар шавед. Модараш, аммаи шумо, эҳ, чӣ нағзиҳо ба мо карда буд! Бечора, дучори саратон шуда, барвақт рафт. То бачаҳояш бепадарӣ ҳис накунанд, чӣ қадар тапид. Духтарҳо баровард, лекин хурдӣ... Аз афт, дидани тӯи Умед ба ман ҳам насиб намекунад.

– Ин чӣ гуфтагиатон, оча? Нияти нағз кунед!

– Ва боз, бачаяком, маро бубахшед, ки...

Писарон бо изтироб чашм аз модар, ки базӯр лаб мекушояд, намеканаанд.

– Як чизро... – идома медиҳад модар, – пинҳон медоштам. Ва пинҳон дошта, бисёр бад ҳам мекардаам, хато мекардаам. Ҳу, ана он духтар... – сӯи ҷевон имо мекунад Маъсума, – ҳамон духтар...

Нимғурма, бесаранҷом шуда, Маъсума чизе мегӯяд, вале чӣ, писарон дуруст намефаҳманд.

**(Давом дорад).**

**Навид**

# Роҳат сафед бод, «Парвина»!

Дар Самарқанди бостон, ки гаҳвораи тамаддуни забону адабиёти мост боз падидаи наве зуҳур кард. Орзуи чандинсолаи матбуотчиёну муштариёни тоҷикзабон ҷомаи амал пӯшид. Дар арафаи ҷашни 11-солагии истиқлолияти кишвари азизамон бо ташаббуси чанд нафар рӯшанфикрону соҳибкорон ва сарпарастии Ширкати хусусии тиҷоративу истеҳсолии «Парвина» ҳафтаномаи оммавию ахбории «Парвина» бо забони тоҷикӣ нашр гардид. Ин иқдоми некро муборакбод ва дастгирӣ мебояд.

Имрӯз шумораи нахустини «Парвина» ба дасти мухлисон расидааст. Бояд таъкид намоем, ки ҳафтаномаи «Парвина» ягона нашрияи хусусию озод бо забони тоҷикӣ дар ҷумҳуриамон буда, барои ғанӣ гардонидани маънавиёти ҷавонон, дар роҳи ватандӯстию инсонпарварӣ тарбия ёфтани онҳо хизмати арзанда хоҳад кард. Дар нахустшумораи он «Лаълии паррон дар Самарқанд меҳмон буд,» «Хайём ва риёзиёт», «Зиндагии талху ширини Эсмералда», «Сарнавишти талх», аҷоиботи олам, маслиҳатҳо, латифаҳои беҳтарин ва кроссворду сканвордҳои аҷоиб чоп шудаанд.

Директори нашр Далер Ҳамидов ва муҳаррири ҳафтанома Озод Ҳамидзода иброз доштанд, ки шумораҳои минбаъда боз ҳам рангину хонданбоб нашр хоҳад шуд.

Ба ташкилкунандагону эҷодкорони «Парвина» комёбӣ ва муваффақиятҳо таманно дорем.

**Асадулло ШУКУРОВ,**
**шаҳри Самарқанд.**



# Фермерӣ даст медиҳад

Фермери ҳазорасбӣ Одилбек Юсуфов аз хурдӣ устухонаш дар деҳқонӣ шах шуда, ба пахтакори соҳибтаҷриба мубаддал гардидааст. Сирру асрори деҳқонӣ, аз он ҷумла пахтакориро аз падараш, кишоварзи номдор Сафо Юсуфов омӯхтааст. Ин аст, ки 20 гектар замин гирифта деҳқонӣ мекунад, хоҷагии фермерӣ ташкил намуда, ба парвариши ғалла, пахта ва сабзавот ҳар сол шуғл меварзад.

Хоҷагии фермерӣ соли ҷорӣ аз ғалладона аз чашмдошт ҳосили фаровон рӯёнд ва албатта, даромадаш афзуд. 8 гектар пахтазорро бо меҳру муҳаббати беандоза парвариш мекунад ва аз ҳар гектари он 45 сентнерӣ ҳосил бардоштанист, ки аз нақша хеле зиёд аст.

Ҳамчунин дар хоҷагии фермерӣ 60 сар чорвои калони шохдор, 500 сар гӯсфанд ва 40 қуттӣ оруи асал парвариш карда мешавад, ки бешак ба афзудани даромади фермер мусоидат мекунад.

**Дар сурат:** фермери хоҷагии ширкати «Ҳазорасб»-и ноҳияи Ҳазорасби вилояти Хоразм **Одилбек Юсуфов** бо падараш деҳқони соҳибтаҷриба **Сафо Юсуфов** дар пахтазор.

**Аксбардор: Рӯзимат Ҷумъаниёзов (ӮзА).**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Кӯмаки НАТО ба Тоҷикистон

Дар доираи Барномаи «Шарикӣ ба хотираи сулҳ» гурӯҳи паёмнигорони тоҷикистонӣ, намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва омӯзгорон ба қароргоҳи Блоки Атлантикаи Шимолӣ дар Брюссел шуда, дар штаби сарфармондеҳи муттаҳидаи қувваҳои ҳарбии НАТО меҳмон гардиданд.

Дар бадали ду рӯз онҳо бо мавқеи афсарони воломақоми ташкилот оид ба муаммоҳои ҳамкории НАТО ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ошно шуданд.

Аз рӯи суханони сарвари ташкилоти ғайриҳукуматии «Спитамен» Абдуваҳҳоб Алиев, гуфтушунидҳои Брюссел босамар гаштанд. Дар рафти вохӯрӣ бо ҳарбиён нишасти матбуотӣ доир гардида, ба саволҳои шавқманди меҳмонон муфассал посух дода шуд. Мазмуни умумии ҷавобҳо аз ҳамин иборат буд, ки НАТО-ро танҳо чун ташкилоти ҳарбӣ пазируфтан фикри хато мебошад. НАТО дар навбати аввал ташкилоти сиёсӣ буда, соҳиби қувваҳои худии ҳарбист. Қувваҳо намояндагони ҳукуматҳои мамолик—иштирокдори НАТО буда, ҳини амалиётҳои ҳарбӣ таҳти сарфармондеҳи худӣ амалиёт пеш мебаранд.

Ҳамаи мамолики Осиёи Марказӣ узви Барномаи НАТО «Шарикӣ ба хотири сулҳ» мебошанд. Вале Тоҷикистон ба ин ҷараён дертар ҳамроҳ гардид ва аз ҳамин сабаб намояндагии худро дар Брюссел надорад. Вале НАТО тайёр аст ба Тоҷикистон дар соҳаи ҳарбӣ ва илм кӯмак расонад.

## Маъвои нав ба зарардидагон

Ба сокинони аз офати табиӣ зарардидаи деҳаи Вашан ва Ревади ноҳияи Айнӣ аз мавзеи дашти Қозӣ 52500 сомонӣ маблағ барои сохтани маъвои нав ҷудо гардидааст. Маблағи мазкурро ҳафт корхонаи саноатӣ ва хоҷагиҳои аграрии ноҳия ҷудо намуданд.

Сохтмони як манзил тақрибан ба 7,5 ҳазор сомонӣ рост меояд. Аз рӯи суханони ҷонишини раиси шаҳри Конибодом Нозим Фозилов маълум мегардад, ки аллакай шартнома дар бораи расонда додани масолеҳи бинокорӣ ва бинокорон ба имзо расидааст ва алҳол корҳои бунёдкорӣ оғоз ёфтаанд. Конибодомиён дар бобати расондани кӯмаки моддӣ ба зарардидагон таҷриба доранд. Соли 1998 дар деҳаи Маданият онҳо 20 хона, соли 1999 дар деҳаи Дохонаи ноҳияи Ашт 12 хонаро қад кашонда буданд. Онҳо алҳол ба нақша гирифтаанд, ки дар тӯли ду моҳ ҳафт хонаро барои зарардидагони оилаҳои ноҳияи Айнӣ сохта ба истифода супоранд.

## Ба ифтихори ҷашн

Масъалаи тайёрӣ ба 80-солагии Душанбе дар маҷолиси маъмурияти шаҳр мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар он сарварони вазорату идораҳои ҷумҳурият, муассисаҳои давлатӣ, ҳукуматҳои ноҳияҳо, доираи корчаллонҳо иштирок намуданд. Як қатор тадбирҳо андешида шуданд, ки барои ободонии пойтахт мусоидат мекунанд.

## Абрешим аз нигоҳи ҷопониҳо

Ба Панҷакент гурӯҳи кории Ширкати телевизионии «ЛНК»-и Ҷопон ташриф овард. Аз суханони сарвари он, коргардон Хасимото Нориакӣ маълум мегардад, ки онҳо филми ҳуҷҷатиро дар бораи Роҳи бузурги Абрешим ба навор бардоштанианд. Ҷараёни филмбардорӣ то соли оянда давом карда, моҳи сентябри соли оянда ба ҳукми тамошогарони ҷопонӣ пешкаш карда мешавад.

## Аз тарс партофта рафтанд

Аз рӯи хабари Оҷонсии оид ба назорат аз болои моддаҳои нашъамандии назди Президенти Тоҷикистон маълум мегардад, ки дар қитъаи сарҳадбонии Дарвоз саъю кӯшиши сарҳадшиканӣ боздошта шуд. Гузарондани нашъа бо тирпаронӣ оғоз ёфт. Вале аз тирпаронии мутассили сарҳадбонон қонуншиканони сарҳад тарсида, бори худро партофта ба сӯи Афғонистон фирор намуданд. Ҳангоми азназаргузаронии майдони набард се халтаи сафарӣ ёфт гардид, ки дар он 44 килограмм ҳероин ҷойгир будааст. Ҳамчунин як автомати Калашников бо тирдони захиравиаш ба даст афтод. Аз рӯи далели қоҷоқи нашъа парвандаи ҷиноӣ кушода шудааст.

**«Туркистон-пресс» — «Вароруд».**

# «Оби Шамсӣ»— писанди мардум




Шамсиддин Саидовро дар ноҳияи Шофиркон хуб мешиносанд. Вай баъди хатми Институти кооперативии шаҳри Самарқанд ба зодгоҳаш баргашта солҳои тӯлонӣ чун директори корхонаи хӯроки умумӣ, ҷонишини директори идораи тайёркунӣ ва ғайра фаъолият нишон додааст.

Вай соҳиби шаш фарзанд (се духтару се писар) ва 17 набера мебошад. Ҳамаи фарзандонаш мактабҳои олӣ ва миёнаи махсусро хатм кардаанд.

Азбаски писаронаш Шаҳобиддин, Фахриддин ва Фазлиддин мактаби олиро оиди технологияи хӯрокворӣ ва мошинсозӣ хатм намудаанд, дар бобати дар оилаашон ташкил намудани фирмаи нӯшокиҳои ташнагишикани «Шамсибобо» қарор карданд. Сехи махсус оварда шуд. Қисмҳои зарурӣ ва таҷҳизоти бо он алоқаманд аз шаҳрҳои Тошканд, Бухоро, Зарафшон пайдо гардид. Ниҳоят фирма оғози соли 1999 ба кор сар кард. Оби маъдани хушсифат бо номи «Оби Шамсӣ», нӯшокиҳои рангоранги «Тархун», «Малина», «Апелсин», «Нӯшокии шоколаднок» ва ғайра дастраси мардуми ноҳияи Шофиркон гардид.

Ҳоло бо сардории роҳбари сех Шаҳобиддин Саидов ва шаш нафар кормандон ин ҷо дар як шабонарӯз 2000 шиша нӯшокиҳои бозоргир истеҳсол мегарданд.

— Талабгорони нӯшокиҳои ташнагишикани фирмаи мо рӯз то рӯз меафзояд. Онҳо «дастархони мурод»-и (тӯю тамошои) ҳамдиёронамонро низ зеб медиҳад. Мо ният дорем, ки минбаъд маҳсулотамонро бо усули бақколӣ (зарфҳои сунъӣ баклажка) ба фурӯш барорем,— мегӯяд сарвари фирма.

**Амрулло АВЕЗОВ.**

